**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «Қонунномаи сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2021. – 161 с.)

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Маълум аст, ки Қонунномаи Сосониён намунаи олии таҷрибаи кодификатсияшудаи амсоли судии ниёгони мо аст, ки имрӯз ливои низоми ҳуқуқии англисию амрикоӣ гаштааст. Албатта, дар таърихи инсоният тамаддуни тоҷикон мавриди таваҷҷҳи ҳамешагӣ қарор дошт ва саргаҳи эҷодиёти тамоми низомҳои ҳуқуқи эътироф мешуд, ин масъала бо мавзӯи пешниҳоднамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович алоқамандии зич дорад, чун ки омӯзишу эътирофи Қонунномаи Сосониён ҷараёни пайдоиш ва ташаккули таърихи қадимаи халқи тоҷикро дар самти эҷоди санадҳои меъёрӣ нишон медиҳад ва далели он аст, ки тоҷикон аз азал баҳри ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо урфу одад ва санадҳои хусусияти меъёрӣ дошта талош намуда, ҳифзи манфиатҳои ҷомеаро вазифаи давлату шахсони алоҳида медонисатанд.

Қонуннома тақрибан соли 620 дар шакли китоб тартиб дода шудааст. Гарчанде он ҳамчун кодекс эътироф намегардад, лекин дар он ҳодисаҳои ҳуқуқӣ, ки ба соҳаҳои мухталиф ва ниҳодҳои ҳуқуқ бахшида шуда, ҷамъоварӣ гардидаанд. Таъиноти асосии он роҳнамои барои фаъолияти ҳаррӯзаи судяҳо ба ҳисоб мерафт.

Қонунномаи Сосониён ба мураттабсозии ҳуқуқи асрҳои миёнаи кишварҳои шарқӣ ҳамчун манбаи тақлид хизмат кардааст ва ин ҳама аз назари табиати ҳуқуқӣ мансубияти эҷодиёти мардуми тоҷику-форс буд. Мавриди зикр аст, ки он масъалаҳои ба танзим даровардаи ин санади таърихӣ  то имруз моҳияти худро гум накардааст ва қонунгузории давлатҳои муосир аз рӯи шакл ва моҳияти он сохта шудаанд.

Қонунномаи Сосониён қариб ҳазор қарори судӣ ва маъмуриро, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд, фаро мегирад. Дар тартиб додани «Қонунномаи Сосониён» дигар маҷмӯаҳо низ истифода гардидаанд, ки номи онҳо дар худи қитоб дарҷ гардидаанд. Лекин, сарчашмаи асосии таълифи он қарори мақомотҳои расмии ҳокимият, ки қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ доштанд, ақидаи судяҳо ва олимони обрӯманди ҳуқуқ ва урфу одатҳои амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд.

Сабаби асосии тартиб додани ин китоб имконнопазирии истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои «Авесто» ва дигар маҷмӯаҳои пешинаи ҳуқуқӣ мебошад, ки бо муносибатҳои нави ташаккулёфта номувофиқ гардида буданд. Аз рӯи мазмуну мундариҷа меъёрҳои «Қонунномаи Сосониён» масоили муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, истифодаи навъҳои мухталифи қарордодҳо, масъалаҳои мерос, васоят, ҷиноят ва ҷазоро фаро мегиранд.

Аз ин лиҳоз, омузиши масъала оид ба Қонунномаи Сосониён аз лиҳози таърихӣ ва ҳуқуқӣ масъалаи мубрами илмӣ буда, пеш аз ҳама, мавҷудияти чунин санди ҳуқуқии таърихӣ дар тамаддуни

гузашта, бартараф кардани норасоиҳои таърихӣ, рушд ва ташаккули қонунгузорӣ дар ин самтро дорост. Муаллиф Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар рисола ва афтореферати худ ҷанбаҳои дигари мубрамияти мавзӯъро низ пешниҳод ва асоснок кардааст, ки муҳимияти мавзӯъро бори дигар исбот менамоянд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб 8 зербоб хулоса ва руйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Боби аввали рисола, ки аз ду зербоб иборат аст, ба масъалаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои эътироф, коркард ва китобаткунии Қонуннома бахшида шудааст.

Дар боби дуюми рисола, ки аз се зербоб иборат аст, таснифи хуқуқии меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён таҳлилу баррасӣ карда шуда, вобаста ба хусуссиятҳои мавҷуда, онҳоро ба гурӯҳои алоҳида ҷудо намудааст.

Дар боби сеюми рисола, ки аз се зербоб иборат аст, табиати хуқуқии меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дараҷаи навоварӣ ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 8 навгонии илмӣ таҳия гардидааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ пешниҳод шудаанд ва аз ин сабаб лоиқи дастгирӣ мебошанд.

1. Дар навгонии якуми диссертатсия сабаби асосии тартиб додани Қонунномаи Сосониён нишон дода шудааст. Ҳамзамон дигар маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ дар асоси номутобиқати онҳо ба муносибатҳои нави пайдошуда, таҳлил гардидааст. Мувофиқи мазмуну мундариҷаи навгонии мазкур меъёрҳои Қонунномаи Сосониён муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парасторӣ, ҷинояткорӣ ва ҷазоро фарогир аст.

2. Банди дуюми навовариҳо таҳлили матни Қонуннома, ки асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои танзимкунандаи он ҷудо карда мешавад, дарбар мегирад.

3. Дар банди сеюми навгониҳо муаллиф меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар ин марҳила амал менамуданд, одатан тариқи ҳуқуқҳои муқаррарӣ ва қисман тариқи «Қонунномаи Сосониён» пешбинӣ шуда буд, мавриди омузиш қарор додааст.

4. Дар банди чоруми навгониҳо шаклҳои мухталифи никоҳ – пурра, нопурра, муваққатӣ ҷой доштанд, ки аз онҳо ҳуқуқи зан ва фарзандоне, ки дар чунин оилаҳо таваллуд шудаанд, инчунин раванди бекоркунии никоҳ вобаста буд, бахшида шудааст.

5. Дар банди панҷуми навгониҳо меъёрҳои Қонуннома оид ба ташкили суд, принсипҳои умумии муҳокимаи судӣ, мансабҳои судӣ, шакл ва тартиби муҳокимаи судӣ, тайёрӣ ва гузаронидани раванди судӣ, ҳуҷҷатҳои судӣ, қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва намояндагӣ дар суд, тартиби пешниҳоди аризаи шикоятӣ ба низоми муайян ва муқаррар карда шудаанд, бахшида шудааст.

6. Навгонии шашуми диссертатсия оид ба масъалаҳои мухталифи ваколатҳои ҳуқуқии судяҳо ва ҳам шахсони мансабдор, ки дар ихтиёри онҳо заминҳои давлатӣ ва шоҳӣ, воридот ба хазина, молу мулки ибодатгоҳҳо ва воридот ба хазинаи он қарор доштанд, бахшида шудааст.

7. Дар банди ҳафтуми навовариҳо оид ба хусусиятҳои асосии ҳуқуқи уҳдадоркунанда, коркарди шаклҳои бастани шартнома ва ба расмият даровардани уҳдадориҳо, қайди хаттии онҳо, пайдо шудани ҳуҷҷати шартномавӣ; воситаҳои мухталифи таъмини иҷроиши шартнома; ҳимояи судии тарафҳои шартномаро пешниҳод менамуд, баён гардидааст.

8. Дар банди ҳаштуми навовариҳо меъёрҳои мухталифи манъкунанда ҷойгир карда шудаанд, ки Қонунномаи Сосониён дар ҳолатҳои зарурӣ ин ё он амалро маҳдуд ё манъ менамояд, унвонҷӯ асоснок намудааст.

Пешниҳодҳои манзурнамудаи муаллиф муҳиму рузмарра буда, на танҳо барои донистани эътирофи Қонунномаи Сосониён аз нигоҳи таърихӣ, инчунин дар рушди илми ҳуқуқ ва такмили қонунгузорӣ дар бахши такмили низоми судӣ саҳми арзанда мегузоранд. Бинобаар ин аксарияти навгониҳои диссертатсия мубрам буда, дар мавзӯи таҳқиқшаванда муҳим арзёбӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин навгониҳо дар маҷмӯъ асоси кофӣ барои дастгирии муҳаққиқ ба дарёфти дараҷаи илмӣ мебошанд.

**Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот.** Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ ба таври васеъ методологияи муосири илмиро истифода бурда, ба усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хосси илми ҳуқуқ такя намудааст, ки барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам оварданд. Махсусан, истифодаи усулҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ ва муқоисаи ҳуқуқӣ ба муаллиф шароит фароҳам овардааст, ки як қатор хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

Аҳамияти илмии диссертасияи пешниҳодшуда пеш аз ҳама, дар шиносоӣ бо таърихи ташаккулу рушд, муайян намудани санадҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки хусусияти меъёрӣ доштанд, дар тамаддуни тоҷикон ва низоми қонунгузории имрӯза ифода мeёбад. Дар баробари ин, муаллиф кушиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши тамаддуни халқи тоҷик махсусияти эътирофи ҳуқуқҳои инсонро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ тавассути Қонунномаи Сосониён,

мумайян намояд. Корҳо ва қарорҳои судӣ, ки дар Қонуннома ҷамъоварӣ карда шудаанд, соҳаҳои мухталифи ҳуқуқиро ба монанди муносибатҳои молумулкӣ, уҳдадорӣ, шаклҳои ҷамъиятӣ ва идоравӣ; ташкили мурофиаи судӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ фарогир мебошанд. Қайд намудан зарур аст, ки бо таҳқиқи маълумоти Қонуннома имконияти таҳлили пурраи тамоми низоми ҳуқуқии давлати Сосониён пайдо мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он низ ҳаст, ки холигиро дар ин самт пурра намуда, дар заминаи он на танҳо таҳқиқоти нави илмӣ ба роҳ монда мешавад, балки барои такмили қонунгузорӣ роҳ кушода, онҳоро барои такмилу ташаккули амалияи давлатдорӣ дар ин самт истифода бурдан мумкин аст.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Феҳристи маводи чопии муаллиф баёнгари маҳсулнокии фаъолияти он буда, ӯ дастовардҳои илмии худро ба таври комил ва ба таври зарурӣ таҳия ва нашр намуда, мавриди омӯзиши муҳаққиқу мутахассисони соҳа гардонидааст.

Натоиҷи таҳқиқоти илмии муаллиф дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ва 1 мақолаи илмӣ дар дигар маҷаллаи илмӣ нашр шудаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти зарурииро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои вобаста ба қарорҳои судӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд, ки ба соҳаҳо ва институтҳои мухталифи ҳуқуқ бахшида

шудаанд. Таъйиноти асосии он роҳбарӣ ва роҳнамоӣ ба судяҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи касбии онҳо ба ҳисоб меравад. Қонуннома қариб ҳазор қарорҳои судӣ ва маъмуриро, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд, муттаҳид намудааст, дар бар гирифта, барои дифои бомуваффақияти самти интихобнамудаи муаллиф хизмат мекунад.

**Норасоию камбудиҳои диссертатсия.** Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад.

1. Қонуннома аз маҷмӯи принсипҳои умумии ҳуқуқи зардуштӣ, ақидаи ҳуқуқшиносони варзида ва таҷрибаи судии мубадони форс ва ҳатто ҷо–ҷо аз таҷрибаи идоракунии шоҳони форс иборат аст, ки баъдан тибқи дастур гирдоварӣ шуда ба сарчашмаи бевосита ва мухтасари меъёрӣ дар замони Сосониён табдил ёфтааст. Аз ин назар ҳуқуқи ҳукуматҳои форсӣ қабл аз омадани араб, зиёд монандӣ дорад ба низоми ҳуқуқи ҳуқуқшиносони римӣ ва то ҷое наздикӣ дорад ба амсоли судии оилаи ҳуқуқии англисию амрикоӣ. Сабаби асосии тартиб додани Қонуннномаи Сосониён ғайриимкон гардидани истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои «Авесто» ва дигар маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ дар асоси номутобиқати онҳо ба муносибатҳои нави пайдошуда, ба ҳисоб меравад. Мувофиқи мазмуну мундариҷа меъёрҳои Қонунномаи Сосониён масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парасторӣ, ҷинояткорӣ ва ҷазоро фарогир аст. Роҳҳои воқеии ҳалли масъалаҳои нозуки ҳуқуқӣ, ба монанди ба инобат нагирифтани шаҳодати зан бар муқобили шавҳар ё баръакс, интихоби вакил дар муомилот ва муҳокимот, шаҳодат надодани вакил бар муқобили муваккили худ, ҳимояи режими амвол дар даъво, реҷаи ҳуқуқии эътироф ва ҳимояи моликияти шарикона, радди судя аз ҷониби ҷавобгар, озодии ақди никоҳ,

ҳуқуқи баробари зану мард ба талоқ, ҳимояи мақоми ҳуқуқии моликияти шахсӣ ва якҷояи зану шавҳар, вазифаҳои додвар–судя ҳангоми қабул ва баррасии парванда, танзими ҳуқуқии вазифаи иштирокчиёни мурофиаи судӣ оморгар, ҳисобдор, шиҳна, вакил, эксперт ва дигарон шаҳодати он аст, ки дар ин давраи давлатдории тоҷику форс як низоми мукаммали ҳуқуқии дорои таҷрибаи волои нозоми додварӣ, ҳуқуқшиносҳои шинохта ва баландмартабаи касбӣ ва ҳам системаи идораи пешрафта ва ҷаҳонӣ амал мекардааст (саҳ. 138-139).

Аммо муаллиф аҳамияти ин сарчашмаи таърихиро дар низоми қонунгузории давлатдории тоҷикон, алалхусус Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон надодааст. Ҳол он ки маҳз институтҳои Қонунномаи Сосониён, ки муаллиф тадбиқи амалии онро дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ нишон додааст, имруз дар қонунгузории мо низ ҷойгир карда шудаанд. Аз ҷумла, дар мурофиаи ҷиноятӣ надодани шаҳодат аз ҷониби ҳамсар ба ҳамсар, яъне хешовандони наздик (қ. 2 мод. 56 КМҶ ҶТ) ё тадбиқи амсоли судӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои ба ҳам монанд ё переюдитсия (мод. 89 КМҶ ҶТ 1. Ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои муқарраркардашуда ва ҳам баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо ҳатмӣ мебошад. 2. Ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва қарори суд оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ танҳо оид ба масъалаи ҷой доштани худи ҳодиса ё кирдор ҳатмӣ буда, набояд пешакӣ гунаҳгорӣ ё бегуноҳии судшавандаро ҳал намояд.). Чунин тартиб дар қисми 2 моддаи 64 КМГ ҶТ низ пебинӣ гардидааст.

Имруз ин амалҳо дар таҷрибаи судӣ гарчанде кам ба назар расанд ҳам, аммо судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои муқарраркардашуда ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои инсон халалдор карда мешаванд. Ҳамаи ин ба андешаи мо аз надонистан ва дуруст тадбиқ накардани сарчашмаҳои ҳуқуқӣ сар мезанад, ки маҳз омузиш ва баҳодиҳии онҳо ба натиҷаи мусбӣ оварда мерасонанд.

2. Дар Қонунномаи Сосониён меъёрҳои мухталифи манъкунанда ҷойгир карда шудаанд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ин ё он амалро маҳдуд ё манъ менамояд. Манънамоиҳо дар самти ҳуқуқи оилавӣ, дар ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуннома меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда ба таври маҳдуд пешниҳод карда шудаанд.

Ин нукта ба талаботи навгоние, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад ҷавобгӯ намебошад. Дар он муаллиф ба таври умумӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда дар Қонуннома ишора намудааст у халос, ӯ нишон надодааст, ки кадоме аз меъёрҳои дар Қонуннома ҷойдошта ба меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда таалуқ доранд ва дар танзими муносибатҳо чи мақомро анҷом медоданд.

3. Ба андешаи мо мазмуни рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид, агар дар рисола муқоисаи ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври васеъ таҳлил мегардид. Унвонҷӯ дар боби 1, параграфи 1 таърихи давлати Сосониёнро талҳил карда, иқтибосҳое, ки аз олимони хориҷӣ овардааст равшантар нишон додааст, аммо аз ҳама муҳақиқон дида Бобоҷон Ғафуров ин сулоларо дар китоби Тоҷикон ба таври хеле муфассал таҳлил намудааст, лекин ба он камтар ишора шудааст. Мехостем, эзоҳи муфассали муаллифро ҳангоми дифои ошкоро дар ин масъалаҳо шунавем.

Тавсия ва мушкилоти баҳсталабе, ки дар кори эҷодии Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович мушоҳида гардид, қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд ва бо сабаби обективӣ - таҳияшаванда вобаста мебошад. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҳқиқоти илмии тахассусӣ буда, дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст. Он кори мустақил, ба охир расида ва комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи мубрами рӯз бахшида шуда, ба як қатор масъалаҳои баҳсталаби илмӣ равшанӣ андохта, роҳи бартараф намудани як қатор муаммоҳои ҳуқуқиро оид ба ин санади таърихӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ дар ҷаҳони муосир буда, ба ошкор намудани таъриху ташаккул ва заминаи ба вуҷудоии сарчашмаи ҳуқуқии таърихӣ-Қонунномаи Сосониён бахшида шудааст.

Диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ» аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи таърихи ҳуқуқи инсон ва дигар илмҳои ҳуқуқшиноси таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин санди таърихӣ-ҳуқуқӣ пурра намуда, барои такмили қонунгузорӣ оид ба мақомҳои махсусгардонидашуда доир ба низоми судию қарорҳои онҳо ва пешрафти таҷрибаи корӣ имконият фароҳам меоварад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 5050 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтааст, ки аз ин сабаб, муаллифи он – Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ,**
**Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор** Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33**
**Моб: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70**
**Email: bobojonov_i@mail.ru**

**имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** Давлатмуродзода Б.Д.